Эълон

**дар бораи қабули шаҳрвандон дар зинаҳои бакалавр, мутахассис, магистр, аспирантура, шӯъбаи тайёрӣ ва такмили ихтисоси муассисаҳои таълимӣ ва илмии Федератсияи Россия дар соли таҳсили 2010-2011**

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил дар зинаҳои бакалавр, мутахассис, магистр, аспирантура, шӯъбаи тайёрӣ ва такмили ихтисоси муассисаҳои таълимӣ ва илмии Федератсияи Россия дар соли таҳсили 2010-2011 озмун эълон менамояд.

Дар озмун шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ буда, ҳамчунин донишҷӯёни лаёқатманди курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, ки бо баҳои хубу аъло таҳсил намуда, забони таҳсил- забони русиро хуб медонанд, метавонанд ба сифати довталаб иштирок намоянд.

Довталабон ба комиссияи қабул ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод мекунанд:

-аризаи асоснокшуда ба унвонии Раиси Комиссияи қабул барои ба сифати довталаб қабул карда шудани ҳуҷҷатҳо;

-анкетаи иттилоотӣ;

-нусхаи аттестат ва ё диплом (хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ аз ҷойи таҳсилашон маълумотномаи тасдиқкардаи роҳбари муассисаи таълимиро пешниҳод карда метавонанд);

-тавсияномаи Раёсат ва ё Шӯъбаи маориф, роҳбарони муассисаҳои таълимии ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ дар бораи дар озмунҳои минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии фанҳои таълимӣ сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардидани довталаб, барандагони стипендияи Президентӣ ва номӣ, довталабони медалҳои тилло ва нуқра;

-нусхаи «Ифтихорнома»-ҳои дар давоми таҳсил аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва озмунҳои байналмилалӣ комёбгашта;

-гувоҳномаи тиббии –086;

-4 дона сурати андозаи барои паспорт муқаррargardида.

Дар озмун ба довталабони гирандагони Стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ѓолибони даврҳои минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналхалқии озмуни фанҳои таълимӣ, довталабони медалҳои тилло ва нуқра ва донишҷӯёни лаёқатманди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки тавсияи роҳбарияти муассисаи таълимиро доранд ва забони таҳсилро хуб медонанд, афзалият дода мешавад.

Ҳуҷҷатҳо дар Маркази барномаҳои байналмилалӣ воқеъ дар кӯчаи Мирзо Турсунзода-47 аз 29-уми апрел то 21-уми майи соли 2010 қабул карда мешаванд. Имтиҳони қабул ва диктанти санҷишӣ барои довталабони зинаи бакалавр ва магистр рӯзҳои 22-23-юми майи соли 2010 дар Маркази барномаҳои байналмилалӣ баргузор мегардад.

Номгӯи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ихтисосҳое, ки Федерасияи Россия дар соли таҳсили 2010-2011 барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо намудааст, замима мегардад.

Хоҳишмандон метавонанд маълумоти мукаммалро бо телефонҳои 227-65-60; 221- 11-75; 221-18-83 дарёфт кунанд.

**Бахши рушди барномаҳои таҳсилоти байналмилалии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Номгӯи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ихтисосҳое, ки Федерасияи Россия дар соли таҳсили 2010-2011 барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо намудааст**

| Номи муассисаи таълимӣ | Рамз ва самти ихтисос ё тайёрии касбӣ | Дараҷаи академӣ ё касбӣ | Миқдори ҷойҳо |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| Донишгоҳи давлатии Адигей (ш. Майкоп) | 050711- Педагогикаи иҷтимоӣ<br>080109- Баҳисобгирии бухгалтерӣ,таҳлил ва аудит | Мутахассис<br>Мутахассис | 1<br>1 |
| Донишгоҳи давлатии техникии Алтай ба номи И.И. Ползунова (ш. Барнаул) | 070601- Дизайн **<br>260906- Тарҳрезии маҳсулоти чармӣ | Мутахассис<br>Мутахассис | 1<br>2 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Донишгоҳи давлатии техникии Архангелск | 120302- Кадастри замин<br>280104- Бехатарии оташнишонӣ<br>280103 -Ҳимоя дар ҳолатҳои фавқуллода<br>200501- Метрология ва таъминоти метрологӣ<br>240901- Биотехнология<br>080500- Менеҷмент | Мутахассис<br>Мутахассис<br>Мутахассис<br>Мутахассис<br>Мутахассис<br>Бакалавр | 2<br>2<br>2<br>1<br>1<br>1 |
| Доишгоҳи давлатии Астрахан | 050301- Забон ва адабиёти рус | Мутахассис | 2 |
| Донишгоҳи давлатии техникии Волгоград | 280402- Ободонии ҳифзи табиат ва муҳит | Мутахассис | 1 |
| Донишгоҳи давлатии Вятск (ш. Киров) | 210406- Робитаҳои алоқа ва низоми коммутатсия<br>151001- Технологияи мошинсозӣ<br>240502- Технология ва коркарди маҳсулоти пластикӣ ва чандирӣ | Мутахассис<br>Мутахассис<br><br>Мутахассис | 1<br>1<br><br>1 |
| Донишгоҳи давлатии забоншиносии Иркутск | 030602- Алоқа бо ҷамъият<br>050300- Филология<br>032301- Минтақашиносӣ<br>032401- Реклама | Мутахассис<br>Бакалавр<br>Мутахассис<br>Мутахассис | 1<br>1<br>1<br>2 |
| Донишгоҳи давлатии техникии Иркутск | 140600 -Электротехника, электромеханика ва электротехнология<br>080801- Информатикаи амалӣ<br>130201- Методҳои кофтукови геофизикӣ ва ҷустуҷӯии конҳои канданиҳои фоиданок<br>130203- Технология ва техникаи ҷустуҷӯии | Магистр<br><br>Мутахассис<br>Мутахассис<br><br>Мутахассис | 1<br><br>1<br>1<br><br>1 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | конҳои канданиҳои фоиданок<br>130402- Кори маркшейдерӣ<br>270115- Ташхис ва идоракунии амволи ѓайриманқул | Мутахассис<br>Мутахассис | 1<br>1 |
| Донишгоҳи давлатии Иркутск | 020305- Геология ва геохимияи канданиҳои сӯзишворӣ<br>020602- Метеорология<br>030601- Рӯзноманигорӣ<br>020802- Истифодабарии табиат | Мутахассис<br>Мутахассис<br>Мутахассис<br>Мутахассис | 2<br>1<br>1<br>1 |
| Донишгоҳи давлатии технологии Кубан<br>(ш. Краснодар) | 151001- Технологияи мошинсозӣ<br>270104- Сохтмони гидротехникӣ | Мутахассис<br>Мутахассис | 1<br>1 |
| Донишгоҳи давлатии техникии Марийск<br>(ш. Йошкар-Ола) | 110300- Агроинженерия<br>210300 -Радиотехника<br>210400- Телекоммуникатсия<br>270100- Сохтмон<br>250100- Кори ҷангал<br>040100-Фаъолияти иҷтимоӣ<br>200402-Фаъолияти муҳандисӣ дар амалияи тиббӣ-биологӣ<br>270114 -Лоиҳакашии биноҳо<br>270205- Роҳҳои автомобилгард ва аэродромҳо | Бакалавр<br>Бакалавр<br>Бакалавр<br>Бакалавр<br>Бакалавр<br>Бакалавр<br>Мутахассис<br>Мутахассис<br>Мутахассис | 2<br>2<br>2<br>1<br>2<br>1<br>2<br>1<br>2 |
| Донишгоҳи давлатии Марийск<br>(ш. Йошкар-Ола) | 030700- Муносибатҳои байналмилалӣ | Бакалавр | 2 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Академияи давлатии ҳуқуқи Москва | 030500- Ҳуқуқшиносӣ | Магистр | 3 * |
| Донишкадаи авиатсионии Москва (Донишгоҳи давлатии техникӣ) | 160702- Гидроаэродинамика | Мутахассис | 1 |
| Донишгоҳи давлатии техникии Москва ба номи Н.Э. Бауман | 150600 -Масолеҳшиносӣ ва технологияи масолеҳҳои нав<br>140202- Манбаъҳои ѓайрианъанавӣ ва барқароршавандаи энергия | Бакалавр<br>Мутахассис | 1<br>1 |
| Донишгоҳи давлатии геодезия ва картографияи Москва | 020501- Харитасозӣ<br>120100- Геодезия (Хокшиносӣ)<br>120202- Аэрофотогеодезия | Мутахассис<br>Бакалавр<br>Мутахассис | 1<br>1<br>1 |
| Донишгоҳи давлатии табъу нашри Москва | 261100- Полиграфӣ<br>150400- Мошинҳо ва таҷҳизотҳои мошинҳои технологӣ | Бакалавр<br>Бакалавр | 1<br>1 |
| Донишгоҳи давлатии биотехнологияи амалии Москва | 260303- Технологияи шир ва масолеҳи ширӣ | Мутахассис | 3 |
| Донишгоҳи давлатии Новосибирск | 080500- Менеҷмент<br>080100- Иқтисодиёт | Магистр<br>Магистр | 2 *<br>1 * |
| Донишгоҳи давлатии Петрозаводск (Ҷумҳурии Карелия) | 020800- Экология ва истифодабарии табиат<br>040100- Фаъолияти иҷтимоӣ<br>080700- Бизнеси иттилоот<br>140400-- Физикаи техникӣ<br>210100- Электроника ва микроэлектроника | Бакалавр<br>Бакалавр<br>Бакалавр<br>Бакалавр<br>Бакалавр | 1<br>1<br>1<br>1<br>1 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | 020300- Геология<br>110400- Зоотехния<br>200100- Таҷҳизотсозӣ | Бакалавр<br>Бакалавр<br>Бакалавр | 2<br>2<br>1 |
| Донишгоҳи давлатии Помори ба номи М.В. Ломоносов (ш. Архангелск) | 010500- Математика ва информатикаи амалӣ<br>020801- Экология<br>050502- Технология ва соҳибкорӣ | Бакалавр<br>Мутахассис<br>Мутахассис | 2<br>2<br>2 |
| Донишгоҳи давлатии гирометеорологияи Россия (ш. Санкт-Петербург) | Шӯъбаи тайёрӣ (барои қабул намудан дар асоси натиҷаи тестгузаронӣ дар соли 2011 ба Донишгоҳи давлатии кӯҳии Санкт-Петербург) | | 10 |
| Донишгоҳи дӯстии халқҳои Россия | 030500- Ҳуқуқшиносӣ<br>080500- Менеҷмент<br>080100- Иқтисодиёт<br>031000- Филология | Магистр<br>Магистр<br>Магистр<br>Магистр | 3 *<br>2 *<br>1 *<br>2 * |
| Академияи давлатии технологии авиатсионии Рибинск ба номи П.А. Соловева (вилояти Ярославск) | 210106- Электроникаи саноатӣ<br>210201- Лоиҳакашӣ ва технологияи воситаҳои радиоэлектронӣ | Мутахассис<br>Мутахассис | 2<br>2 |
| Донишгоҳи давлатии ҳавонавардии Самара ба номи академик С.П. Королев | 210300- Радиотехника<br>160901- Истифодабарии техникаи дастгоҳҳо ва муҳаррикҳои ҳавопаймо<br>160903 – Истифодабарии техники системаҳои электронии авиатсионӣ ва комплексҳои идоракунӣ ва новигатсионӣ<br>150802- Мошинҳои гидролавликӣ- | Бакалавр<br>Мутахассис<br>Мутахассис<br>Мутахассис | 1<br>2<br>2<br>1 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | муҳаррикҳои гидролавликӣ ва гидропневмоавтоматика | | |
| Донишкадаи давлатии кӯҳии Санкт-Петербург ба номи Г.В. Плеханов | 130203- Технология ва техникаи ҷустуҷӯии конҳои канданиҳои фоиданок<br>130306- Геохимияи амалӣ, петрология ва минералогия<br>130201- Ташхис ва идоракунии амволи ғайриманқул | Мутахассис<br>Мутахассис<br>Мутахассис | 2<br>2<br>1 |
| Донишгоҳи давлатии политехникии Санкт-Петербург | Шӯъбаи тайёрӣ (барои қабул намудан дар асоси натиҷаи тестгузаронӣ дар соли 2011 ба Донишгоҳи давлатии кӯҳии Санкт-Петербург) | | 10 |
| Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург | 031000- Филология | Магистр | 2 * |
| Донишгоҳи давлатии Саратов ба номи Н.Г.Чернишов | 030502- Ташхиси судӣ | Мутахассис | 1 |
| Донишгоҳи давлатии техникии Кавкази Шимолӣ (ш. Ставропол) | 130304- Геологияи нефт ва газ<br>270102- Сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ | Мутахассис<br>Мутахассис | 1<br>1 |
| Донишгоҳи давлатии техникии Твер | 270102- Сохтмонӣ саноатӣ ва шаҳрвандӣ | Мутахассис | 2 |
| Донишгоҳи давлатии Твер | 032401- Реклама<br>010400- Технологияҳои иттилоотӣ | Мутахассис<br>Бакалавр | 2<br>2 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | 020800 -Экология ва истифодабарии табиат | Бакалавр | 2 |
| Донишгоҳи давлатии Томск | 030600- Рӯзноманигорӣ<br>250201- Хоҷагии ҷангал | Бакалавр<br>Мутахассис | 1<br>1 |
| Донишгоҳи давлатии системаи идора ва радиоэлектроникаи Томск | 210300 -Радиотехника<br>210405- Алоқаи радио, радиошунавонӣ ва телевизионӣ<br>210106- Электроникаи саноатӣ<br>090103- Ташкил ва технологияи ҳимояи иттилоот | Бакалавр<br>Мутахассис<br>Мутахассис<br>Мутахассис | 2<br>2<br>2<br>1 |
| Донишгоҳи давлатии нефтугази Тюмен | 130304- Геологияи нефт ва газ | Мутахассис | 2 |
| Донишгоҳи давлатии Тюмен | 080100- Иқтисодиёт<br>020200- Биология<br>020803- Биоэкология<br>020601- Гидрология<br>020306-Геологияи экологӣ | Бакалавр<br>Бакалавр<br>Мутахассис<br>Мутахассис<br>Мутахассис | 1<br>1<br>2<br>2<br>2 |
| Донишгоҳи давлатии техникии Урал ( УПИ)<br>(ш. Екатеринбург) | 080500- Менеҷменти ташкилот<br>080801- Информатикаи амалӣ дар иқтисодиёт<br>220200- Автоматикунонӣ ва идора<br>210400- Телекоммуникатсия | Бакалавр<br>Мутахассис<br>Бакалавр<br>Бакалавр | 2<br>1<br>2<br>1 |
| Донишгоҳи давлатии Урал ба номи А.М. Горкий<br>(ш. Екатеринбург) | 210600- Нанотехнология<br>031000- Филология<br>040200- Иҷтимоиёт | Бакалавр<br>Бакалавр<br>Бакалавр | 2<br>2<br>2 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Донишгоҳи давлатии авиатсионӣ- техникии Уфа | 140601-Электромеханика<br>210404 Системаҳои телекоммуникатсионии бисёршабакавӣ<br>280200 Ҳифзи муҳити зист | Мутахассис<br>Мутахассис<br>Бакалавр | 1<br>1<br>1 |
| Донишгоҳи давлатии техникаи нафтии Уфа | 130100- Геология ва ҷустуҷӯи канданиҳои фоиданок<br>130503- Коркард ва истифодабарии конҳои нефту газ<br>240100- Технологияҳои химиявӣ ва биотехнологӣ<br>240801 –Мошинҳо ва дастгоҳҳои истеҳсолоти химиёвӣ<br>140600- Электротехника, электромеханика и электротехнологии | Бакалавр<br>Мутахассис<br>Бакалавр<br>Мутахассис<br>Магистр | 1<br>2<br>2<br>1<br>1 |
| Донишгоҳи давлатии Челябинск | 010400- Технологияҳои иттилоотӣ<br>010700- Физика<br>020101- Химия<br>020803- Биоэкология<br>030301- Равоншиносӣ<br>080115- Фаъолияти гумрук | Бакалавр<br>Бакалавр<br>Мутахассис<br>Мутахассис<br>Мутахассис<br>Мутахассис | 2<br>1<br>1<br>1<br>1<br>1 |
| Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чувашистон ба номи И.Я. Яковлев (ш. Чебоксари) | 050706- Педагогика ва равоншиносӣ<br>050711- Педагогикаи ҷамъиятӣ | Мутахассис<br>Мутахассис | 2<br>2 |
| Донишгоҳи давлатии техникии Ярослав | 190500 –Истифодабарии воситаҳои нақлиёт | Бакалавр | 2 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Донишгоҳи давлатии Ярослав ба номи П.Г. Демидов | 030201 Сиёсатшиносӣ<br>040102 Антропологияи ҷамъиятӣ | Мутахассис<br>Мутахассис | 1<br>1 |
| **ҲАМАГӣ** | | | **200** |
| | **Такмили ихтисос, аз ҷумла омӯзгорони забони русӣ** | | **30** |

Тавзеҳ:1. Ҷойҳои бо 1 ситорача (_ *) зикргардида барои донишгоҳҳои аъзои ҳамкориҳои донишгоҳҳои Иттиҳоди

Давлатҳои Муштаракулманофеъ (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон) пешбинӣ шудааст.

2.Барои ҷойҳои бо 2 ситорача (_**) зикргардида, аз довталабон омодагии махсус талаб карда мешавад.